**СУРАТМАҶЛИСИ № 6**

Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066

20-уми декабри соли 2024 ш. Душанбе

<u>**Иштирок доштанд**</u>: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши КОА-и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2024, таҳти №223/шд тасдиқ гардидааст, 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигаре нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

<u>**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**</u>

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

<u>**ҚАРОР КАРДА ШУД:**</u>

Диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ пешниҳод гардидааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:
- доктори илмҳои психологӣ, профессор Назаров Акмал Мардонович;
- номзади илмҳои психологӣ, Абдурашидов Наимжон Фозилович.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя, ҷойгир намудани диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи милли Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя 27-уми феврали соли 2025 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор /_______________/Н.М. Юнусова

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои психологӣ, дотсент /_______________/ З.Р.Сафарова